«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» доктори илмҳои биологӣ, профессор Давлатзода С.Х. ____________
«___5___» июни соли 2023

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба диссертатсия ва автореферати номзадии Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна дар мавзуи «Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ» ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Мувофиқи натиҷаҳои баррасигардидаи диссертатсияи Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна дар мавзуи «Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) таҳқиқоти илмии ба охиррасида ҳисобида шуда, ҳаҷм, арзишҳои назариявӣ ва амалии он ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва аз ҷиҳати мазмун диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мутобиқат мекунад.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Диссертант дар таҳқиқи мавзуъ, дараҷа ва робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқ, вазифа, объект, фарзия, марҳила, макон ва давраи таҳқиқ, асосҳои назариявию методологӣ ва навгонии илмӣ саҳми худро гузоштааст. Масъалаҳои асосии таҳқиқ тарҳрезӣ гардида, ҷустуҷӯ ва натиҷагириҳои

илмии унвонҷӯ дар диссертатсия, мақолаҳои илмӣ, маърӯза дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ инъикос ёфтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти ҷамъбастгардидаи диссертант дар мубрамии масъалаи таҳқиқотиро дарк ва ҷустуҷӯи мундариҷаи нави арзиши Ватан дар шароити пуртазоди ҷамъиятӣ, зарурати саҳми босамари низоми маориф дар ҳалли вазифаи умумӣ – дар донишҷӯён ташаккул додани тасаввуроти арзишнок дар бораи Ватан, рушди ғояҳои ахлоқии онҳо доир ба қарзи шаҳрвандӣ, шаъну шараф, ҳифзи табиат, марзу бум, ҳамватанон ва оилаи худ вобаста аст, тақозо менамояд. Муайян карда шуд, ки майли донишҷӯёнро ба Ватан ҳамчун арзиш дар ду ҷанбаъ метавон дида баромад: ҳамчун раванд ва ҳамчун натиҷа. Майл ҳамчун раванд – ин ташаккули муносибати арзишманду устувор ба табиат, таърих, фарҳанг, ғояҳои миллӣ, гузашта, имрӯз ва фардои кишвар мебошад, ки натиҷаи он табдилёбии муносибати арзишноки донишҷӯён ба майли арзишнок мебошад.

Исбот карда шудааст, ки иқтидори педагогии таҷрибаомӯзии таълимӣ – саҳроӣ ва комплексӣ воситаи муҳимми ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ тавассути якдигарро пур кардани захираҳо ва имкониятҳои мувофиқи маърифатӣ мебошад (зарурати ҳамкорӣ бо объектҳои табиӣ ва иқтисодӣ): донишазхудкунӣ доир ба Ватан дар асоси манбаъҳои воқеӣ, иҷтимоикунонӣ (тавассути иншоотҳои бузурги саноатӣ, ёдгориҳои табииву таърихӣ); иттилоотӣ – мундариҷавӣ (гуногунии хатсайрҳо, интихоби хатсайрҳои таҷрибаомӯзӣ); эҷодӣ – арзишӣ (ҳамкории эҷодии муассисаи таълимӣ ва масъулини объектҳои иқтисодӣ, ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда).

Ҳамзамон тасдиқ карда шудааст, ки модели сохторӣ ва вазифавии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ маҷмӯи ҷузъҳои ба ҳам алоқаманд (мақсаднок, пурмазмун, самарабахш) ва вазифаҳоро (иттилоотӣ, арзёбӣ, ҳавасмандкунанда) инъикос мекунад, аз рӯи мундариҷаи муносибат ва принсипҳои фаъолнок (аксиологӣ, фардӣ, рефлексӣ, лоиҳавӣ, фаъолияти эҷодӣ) муқаррар карда мешавад, мантиқан марҳиланокиро (таъин, тағйирот,

лоиҳабандӣ) ҷиҳати ба даст овардани натиҷа талаб менамояд, роҳандозии механизми якҷояи арзишӣ (ҷустуҷӯ, арзёбӣ, интихоб) имкон медиҳад, ки дараҷаи ташаккули падидаи омӯхташаванда пешбинӣ карда шавад. Исбот карда шудааст, ки шартҳои педагогии зимни таҳлили назариявӣ ва чараёни корҳои озмоишӣ муайян гардида (татбиқи иқтидори педагогии таҷрибаомӯзии таълимӣ – саҳрой ва комплексӣ ҳамчун захираи ташаккули майли арзишноки донишҷӯён; ташкили низоми ҳамкории муассисаи таълимӣ ва масъулини объектҳои иқтисодӣ, ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда) ҳамчун омили батанзимдарорандаи майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш мусоидат менамоянд.

Масъалаи инкишофи иқтисодии ҷамъият, ҷойгиршавии қувваҳои истеҳсолкунанда ва фаъолияти инсон дар бисёр маврид аз таъсири муҳити географӣ вобастагии зиёд дорад.

Тарбияи ватанпарастии насли наврас яке аз масъалаҳои муҳимтарин ва мубрами ҷомеа ба шумор рафта, муваффақшавӣ ба ҳадафҳои он ба омилҳои зиёд вобаста аст. Дарки онҳо натанҳо вазифаи сохторҳои давлатӣ ва ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, балки вазифаи ҳар як шаҳрванди ватанпарасти кишвар ҳам мебошад.

Муҳтавои тарбияи ватанпарастӣ ҳамчун унсури таркибии тарбияи миллӣ дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфта, аҳаммияти татбиқи он дар ташаккули тафаккури ватанпарастии шаҳрвандон, садоқат ба Ватан, ифтихори миллӣ, эҳтиром ба муқаддасот, рамз ва ёдгориҳои табииву таърихии кишвар, тайёр будан барои адои қарзи шаҳрвандӣ ва уҳдадориҳои конститутсиониро инъикос менамояд.

**Аҳаммияти назариявии натиҷаи таҳқиқоти** иҷрошударо метавон бо чанд нукта баён дошт. Аз ҷумла, натиҷаи корҳои озмоишӣ дар васеъ гардидани донишҳои назариявӣ оид ба раванди ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, ки дар ҷамъи алоқаҳои дохилӣ ва берунаи нишондиҳандаҳои меъёрии ҷузъҳои он: маърифатӣ, ҳиссӣ-масъулиятшиносӣ; фаъолнокӣ дар амал инъикос мегардад; таснифоти таҷрибаомӯзиҳои саҳрой ва комплексӣ дар

асоси хусусияти омӯзиш коркард шудааст; ҷой доштани мушкилоти ташкили–таълимӣ, яъне мавсимӣ будани таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ дар раванди таълим; арзёбии нокифояи иқтидори педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ аз ҷониби муассисаи таълимӣ ва инфиродӣ, яъне заиф ва нокифоя зоҳир намудани таваҷҷуҳ ба Ватан, муносибат нисбат ба табиати кишвар.

**Аҳаммияти амалии натиҷаҳои таҳқиқот** дар он зоҳир гардидаанд, ки маълумотҳои ба даст овардашударо дар самти таълим, шуъбаи таҷрибаомӯзӣ, кафедраҳои дахлдор дар мураттаб сохтани барнома ва технологияи ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ истифода кардан мумкин аст. Яъне дар сурати коркарди дастури меъёрӣ–ташхисии мушоҳида ва назорати динамикаи ташаккули майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш; муайян намудани дурнамои истифодаи амалии модели сохторӣ – вазифавии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, ки таваҷҷуҳи омӯзгорони табиатшинос, географ, кишваршинос, муаррих, биолог, санъати тасвирӣ ва ғ. нисбатан зиёд аст. Инчунин мураттаб сохтани тавсияҳои амалӣ ва тасдиқи шаклҳои беҳтарин ва самараноки ташкили таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ дар семинарҳои таълимӣ – методӣ, семинарҳои назариявии кафедравию донишгоҳӣ, ба монанди сайёҳат, экспедитсия, табиати виртуалӣ, дарси саҳроӣ, викторина, моделиронии географӣ ва ғайра. Ҳамчунин коркарди пешниҳодот ҷиҳати такмили минбаъдаи таъмини илмӣ–методии раванди таҳқиқотии ба амал татбиқнамуда, ки дар амалияи муассисаҳои таълимии тахассусӣ, ҳангоми навиштани таҳқиқотҳои диссертатсионӣ аз ҷониби бакалаврон, магистрон ва унвонҷӯён мавриди истифода қарор гирифта метавонад.

Чунонки диссертант қайд менамояд, нокифоягии омӯзиши масъалаи таҳқиқшаванда як қатор ихтилофот, аз ҷумла, дар сатҳи иҷтимоӣ–педагогӣ, дар сатҳи илмӣ–назариявӣ ва дар сатҳи илмӣ–методиро ба миён меорад, ки таҳлил ва ҳалли ин зиддиятҳо аз нуктаҳои меҳварии ин таҳқиқот ба шумор рафтааст.

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ** (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст. Навгониҳои илмии натиҷаи таҳқиқот: ду ҷанбаи арзишҳои ватандӯстӣ: майлу рағбат ба раванд-ҳамчун ҷараёни ташаккули муносибати боэътимод нисбат ба табиат, муҳити зист, халқу миллат, анъанаҳои миллӣ, таъриху фарҳанг, ғояҳои миллӣ, гузашта, имрӯз ва фардои кишвар, ки дар натиҷа ба дигаргунсозии муносибат ба ин арзишҳо оварда мерасонад; майлу рағбат ҳамчун натиҷа-ин доро будан ба донишҳои фарох оид ба Ватан, ки як қатор хусусиятҳо, аз ҷумла зодгоҳ, маҳалли зист, анъанаҳо, таърих, фарҳанг, табиати маҳал, мавқеи географӣ, муқаддасот, хислатҳои миллӣ, халқ, оила, давлат, ватандӯстӣ, қарз шараф, ки мушаххаси муқаррарот оид ба ташаккули арзишҳои ватандӯстӣ муайян карда шудаанд; шартҳои педагогие, ки ба ташаккул ва таҳаввули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён мусоидат менамоянд, тарҳрезӣ шудаанд; амсилаи сохторӣ-вазифавии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ дар алоқамандӣ бо ҷузъҳои сохтории он (мақсад, мундариҷа, раванд, натиҷа) коркард шудааст, ки барои пешгӯии амалишавии натиҷабахши мақсади гузошташуда дар асоси истифодабарии иқтидори педагогии таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ ва комплексӣ имконият медиҳад.

Муаллиф ба хулосае расидааст, ки натиҷаи корҳои озмоишии дар диссертатсия зикршуда асоси хулосаи мазкурро ташкил медиҳанд. Барои татбиқи босамари амсила ё худ модели пешниҳодшуда барномаи кори озмоишӣ тарҳрезӣ шудааст.

Таҷрибаи гузаронидашуда нишон додааст, ки самаранокии фаъолияти модели сохторӣ-функсионалии ташаккули тамоюли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш бо татбиқи маҷмӯи зерини шартҳои педагогӣ таъмин мегардад:

- амалигардонии иқтидори педагогии таҷрибаомӯзии таълимӣ – саҳроӣ дар якоҷоягӣ бо захираву имкониятҳо; ташкили системаи таъсири эҷодӣ – арзишии муассисаи таълимӣ ва масъулини объектҳои иқтисодӣ ва ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда;

- майли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш марҳила ба марҳила (азхудкунӣ, тағйирот, лоиҳабандӣ) ба роҳ монда шуда, ба хусусиятҳои роҳандозии механизми якҷояи арзишӣ (ҷустуҷӯ, арзёбӣ, интихоб) вобаста аст.

**Самаранокии кори таҷрибавӣ** оид ба татбиқи шарти педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ бо таҳлили муқоисавии натиҷаҳои марҳилаҳои муайян ва баҳодиҳии озмоиш, инъикоси тағйирёбии мусбӣ дар сатҳи ташаккули тамоюли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиши маърифатӣ, яъне дарки мазмуни истилоҳи Ватан, ҷузъҳои он, донистани таърих ва анъанаҳо, географияи кишвар, шароитҳои табиӣ ва иқтисодии он, эмотивӣ, яъне сатҳи даркнамоии худ ҳамчун шаҳрванди ватандӯст, арзёбии фаъолият ва рафтори худ нисбат ба Ватан, ангезиши эҳсосотӣ вобаста ба мафҳуми Ватан. Инчунин фаъолнокӣ, яъне ҳаҷми иштирок дар амалҳои аҳаммияти иҷтимоидошта, мустақилият, ташаббускорӣ дар фаъолият нисбат ба Ватан меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои мувофиқ ба он таҳқиқ, таҳлил ва баррасиву натиҷабардорӣ шудаанд.

Инчунин, як қатор тавсияҳо, аз ҷумла, амалигардонии иқтидори педагогии таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ ва комплексӣ дар якҷоягӣ бо захираҳо ва имкониятҳо; ба роҳ мондани алоқаи байни системаи эҷодӣ – арзишии ташкили таълим ва таҷрибаомӯзиҳои саҳроӣ ва комплексӣ; роҳандозии давра ба давраи ташаккули арзишҳои ватандӯстӣ дар ҷавонон (сарфарозёбӣ, таҷдид, лоиҳабандӣ) ва арзёбии амалишавии механизми ягона (ҷустуҷӯ, баҳодиҳӣ, интихоб); истифодаи иқтидори педагогии таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ аз ҷониби омӯзгорони кафедраҳои тахассусии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар доираи фанҳои таълимии тахассусии омӯхташаванда, пешниҳод гардидаанд, ки дарвоқеъ аҳаммият ва арзиши рисолаи илмиро боло бурдааст.

Дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо эътимоднокии сифатӣ ва миқдорӣ, тафсири маълумоти таҷрибавӣ тасдиқ карда шудаанд.

Натиҷаҳои ба даст овардашуда самаранокии асосноккунӣ ва татбиқи

шарти педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ исбот менамоянд ва ин имкон медиҳад, ки натиҷабахшии самараноки раванди таҳқиқшаванда пешгӯӣ карда шавад, инъикос гардидааст.

Сохтори рисола низ хуб банду баст шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулосаҳои боб дар алоҳидагӣ, хулосаи умумӣ ва феҳристи адабиёти истифодашударо дар бар мегирад.

Боби аввали диссертатсия «Арзишҳои ватандӯстӣ, ҷанбаҳои назариявии масъалаи ташаккули майли донишҷӯён ба Ватан» унвон дорад. Диссертант ҳангоми баррасии боби аввал оид ба паҳлуҳои мухталифи назариявии арзишҳои ватандӯстӣ, раванди ташаккули майл ба арзишҳои ватандӯстӣ тавассути таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ ва роҳҳои бартараф намудани хатарҳои бемайлӣ ба арзишҳои ватандӯстӣ таҳқиқот анҷом дода, таъкид сохтааст, ки ватандӯстӣ аз донистану омӯзиши кишвар сар мешавад.

Дар ин замина, диссертант дар ҳамин боби рисола таҳлилҳои назариявӣ муҳтавои мафҳуми майлу рағбати донишҷӯён ба арзишҳои ватандӯстӣ, ки дар ду ҷанбаъ, яъне ҳамчун раванд ва ҳамчун натиҷа дида баромада мешавад амиқ мавриди таҳқиқу таҳлил қарор додааст. Яъне майл ҳамчун раванд–ин ташаккули муносибати устувор ба табиат, ёдгориҳои табиӣ, ҳудудҳои махсус ҳифзшаванда, мавҷудоти зинда, имрӯзу фардои табиати кишвар ва боигариҳои он мебошад, ки аз муносибати эҳтиромона ба арзишҳо табдил меёбад, баррасӣ гардидааст.

Зербоби дуюми боби аввал таҳти унвони «Таҷрибаомӯзии таълимӣ-саҳроӣ ҳамчун воситаи самараноки ташаккули майли донишҷӯён ба Ватан» масъала ва муаммоҳои асосии рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, камшумор будани мутахассисони босалоҳияти касбӣ ва норасогии савияю маҳорати роҳбаладон, хуб надонистани забонҳои хориҷӣ, номукаммалии раванди тарғиботӣ ва сабабҳои дигарро фаро гирифтааст.

Унвонҷӯ исбот намудааст, ки амсилаи сохторӣ–вазифавии ташаккули майл ба арзишҳои ватандӯстӣ тавассути таҷрибаомӯзиҳои таълимии саҳроӣ ва комплексӣ алоқамандии ҷузъҳои сохторӣ, яъне мақсад, мундариҷа, натиҷа ва вазифаҳои онро инъикос менамояд.

Дар зербоби сеюми диссертатсия, ки «Фаъолияти озмоишӣ ҷиҳати татбиқи шартҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ» оид ба натиҷаҳои дар бобҳои якуму дуюми диссертатсия овардашуда, зарурати тафсири мантиқӣ ва методҳои ба роҳ мондани корҳои озмоиширо ҷиҳати амалигардонии шартҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ, баҳодиҳии муносиб самаранокии татбиқи онро боз ҳам мубрам мегардонад.

Диссертант дар вақти таҳқиқот сатҳи ташаккулёбии арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳро дар асоси маҷмӯи меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои ба он мувофиқ муайян намудааст:

- маърифатӣ (фаҳмиши мазмуни мафҳуми Ватан ва ҷузъҳои он, донистани географияи кишвар);
- эҳсосӣ (дараҷаи шаҳрвандӣ, худогоҳу ватандӯст ҳисобидани худ, арзёбии эҳсосоти муносибат нисбат ба Ватан);
- фаъолнокӣ (ҳаҷми иштирок дар фаъолияти аҳаммияти иҷтимоидошта).

Ҳамин тариқ, воситаи ташхис ба иҷрои мақсадҳои зерин нигаронида шуда буд:

- таҳқиқи фаҳмиши донишҷӯёни муосир нисбати мазмуни мафҳуми Ватан;
- муқаррар намудани муносибати донишҷӯён нисбат ба арзиши Ватан;
- таҳлили рафтори донишҷӯён дар муносибат нисбат ба Ватан.

Ҳамин тариқ, таҳлили ба иҷро расонидаи диссертант дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот бо эътимоднокии сифатӣ ва миқдорӣ, тафсири маълумоти таҷрибавӣ тасдиқ карда шудаанд.

Натиҷаҳои ба даст овардашуда самаранокии асосноккунӣ ва татбиқи шарти педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни донишгоҳ дар раванди таҷрибаомӯзиҳои таълимӣ исбот менамоянд ва ин имкон медиҳад, ки

натиҷабахшии самараноки раванди таҳқиқшавандаро пешгӯӣ намоем.

Муҳаққиқ бо мақсади эътимоднокӣ ба андешаҳои худ ба осори таҳқиқии олимони ватанӣ ва ҳам хориҷӣ такя намуда, бамаврид аз маъҳазҳои зарурӣ иқтибос овардааст.

Бояд зикр кард, ки автореферати Ҳайдарова М.М. ба мундариҷаи диссертатсия мувофиқат намуда, асоснок намудани мубраммияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ, тавсифи умумии таҳқиқот, мақсади таҳқиқ, объекти таҳқиқ, мавзуи таҳқиқ, усулҳои таҳқиқ, соҳаи таҳқиқ, марҳилаҳои таҳқиқ, пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқ, муътамадии натиҷаҳои диссертатсия, навгониҳои илмии таҳқиқ, аҳаммияти назарии таҳқиқот, аҳаммияти амалии таҳқиқот, нуктаҳои барои дифоъ пешниҳодшаванда, боэътимодӣ ва асоснокии натиҷаҳо, озмоиш ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқотро фарогир буда, бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таълиф шудаанд бо мазмун ва муҳтавои диссертатсия мутобиқат дошта, ба пуррагӣ инъикос менамояд.

Боиси тазаккур аст, ки аз тарафи диссертант вобаста ба мавзуи таҳқиқот 25 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Вазорати маориф ва илми Федератсияи Руссия ба табъ расидаанд.

**Эродҳо ба диссертатсия.** Дар баробари комёбиҳои иброзгардида, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд ва онҳоро ба таври зерин метавон манзур намуд:

1. Хуб мешуд, дар заминаи таҳқиқот доир ба ташаккули тамоюли донишҷӯён ба Ватан ҳамчун арзиш фарқияти донишҷӯёне, ки аз шаҳр ва ё деҳот ба таҳсил фаро гирифта шудаанд, вобаста ба маҳалли зист, шароити иҷтимоӣ – иқтисодии зиндагӣ, кӯшишу ғайрат, табъу манфиат кушода мешуд, зеро ба андешаи мо, барои боз ҳам баландтар шудани қиммати кор мусоидат менамуд.

2. Ба андешаи мо, аз истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар амалия осону қулайтар мегашт, агар тавсифу пешниҳодоти аз ҷониби муҳаққиқ ироашуда дар шакли барномаи ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯёни

муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ коркард карда мешуд ва дастури методии аз таҷрибаи муаллифи диссертатсия рӯи кор омада мавриди истифодаи омӯзгорони фаннӣ ва роҳбарони таҷрибаомӯзӣ қарор мегирифт.

3. Диссертант дар зербанди дуюми боби якуми диссертатсия ба таҳлили таҳқиқотҳои файласуфон, педагогҳо ва психологҳо бештар таваҷҷуҳ зоҳир намудааст.

4. Ба фикри мо, агар унвонҷӯ дар матни диссертатсия баъзе ноқисиҳои услубии аз диди меъёрҳои забонӣ мавҷударо ислоҳ мекард, сифати кор хуб ва мутолиаи ин ба оммаи васеи омӯзгорон возеҳтар мегардид.

Нуктаҳои дар боло зикршуда метавонанд ба осонӣ ислоҳи худро ёбанд ва онҳо аз диди илмию таҳқиқотӣ ба муҳтаво, мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсия таъсир намерасонанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна дар мавзуи «Хусусиятҳои педагогии ташаккули арзишҳои ватандӯстии донишҷӯён дар раванди таҷрибаомӯзии таълимӣ» ба талаботҳои бандҳои 61, 62-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ ва бандҳои 74, 75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) мебошад.

Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмуну мантиқи ягонаи дохилӣ аст. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ, ҳалли онҳо ва услуби таҳқиқи илмӣ аз саҳми шахсии муаллифи диссертатсия дарак медиҳад.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои чопкардаи Ҳайдарова Мавзуна Маҳмудҷоновна муҳтавои асосии диссертатсияро

инъикос менамоянд. Автореферат дар ҳаҷми мувофиқ, тибқи талаботи муайяншуда, бо фарогирии матолиби зарурӣ бо забони илмӣ таълиф шудааст.

Тақриз аз ҷониби Бобоева Гулбаҳор Шарифовна – номзади илмҳои педагогӣ, мудири кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиш омода шуда, дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи педагогикаи Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 22 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: **«тарафдор» – 22 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.** Суратҷаласаи ғайринавбатии кафедра таҳти рақами 9Б аз 19-уми майи соли 2023.

**РАИСИ ҶАЛАСА:**
Мудири кафедраи педагогикаи
факултети педагогика ва варзиши
МДТ-и «ДДБ ба номи Носири Хусрав»
номзади илмҳои педагогӣ, саромӯзгор: **Бобоева Г.Ш.**

**ЭКСПЕРТ:**
н.и.п., саромӯзгори кафедраи педагогикаи
факултети педагогика ва варзиши
МДТ-и «ДДБ ба номи Носири Хусрав»: **Қурбонов Ф.А.**

Котиби илмии ҷаласа, н.и.п.,
саромӯзгори кафедраи педагогикаи
факултети педагогика ва варзиши МДТ-и
«ДДБ ба номи Носири Хусрав»: **Каримова М.М.**

*Имзоҳои Г.Ш. Бобоева, Ф.А. Қурбонов ва М.М. Каримоваро тасдиқ менамоям.*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ-и «ДДБ ба номи
Носири Хусрав»: Шукурзод Ҷ.А.

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
735140. Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67
Тел.: (83222) 2-48-63; (83222) 2-54-81.
Сомона: http://btsu.tj/
E-mail: ktsu78@mail.ru
05.06.2023с